## Тақризи

**мушовири илмӣ ба диссертасияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи “Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)**

Дар Тоҷикистон таъмин намудани аҳоли бо маводи ғизои ва махсусан махсусан маводҳои сабзавотии тару тоза, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зиёд кардани истеҳсоли маводҳои ғизои дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисодӣ бозаргонӣ ва босуръат зиёд шудани шумораи аҳоли дар ҷаҳон боз ҳам масъалаи ҳаёти ва рузмарра гардидааст. Бинобар ин зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ тавасути истифодаи навъҳои навъи серҳосил ва мукаммалгардонии технологияи парвариши онҳо амалӣ гардонида шавад.

Дар байни зироатҳои кишоварзӣ ангур яке аз зироатҳои асосӣ ва даромаднокии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир масъалаҳои зиёд намудани истеҳсоли ангур ва таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо ин маҳсулот, яке аз масъалаҳои рузмарра мебошад. Дар даҳсолаи охир ба туфайли пешрафти химияи органикӣ ва биологӣ, микробиология ва физиологияи растанӣ дар таҷрибаи ангурпарварӣ усули пурсамараи истифодаи танзимкунандаи сабзиш мавқеи устувор пайдо кардааст.

Бо мақсади фароҳам овардани шароити сабзиши буттаҳои ток дар вақти пошдиҳии танзимкунандаи сабзиш дар токзор, онҳо бояд хушсифат бошанд ва низоми хӯшаҳои гули ангур дар девораи ҳавозаю сими он пурра кушода ҷойгир гардад ва имконияти боз ҳам босифат шудани он гардад. Аз тарафи дигар, буттаҳои ток дар мӯҳлати кӯтоҳи агротехникӣ коркард карда шаванд, баръакси ҳол ин ба пастшавии ҳосили ангури ток оварда мерасонад. Маҳсулнокии сохтори дорупошакҳои мавҷудбуда ва технологияи пошдиҳии он бениҳоят паст буда, ба зиёдшавии хароҷоти маҳлулҳои обии танзимкунандаи сабзиш мерасонад. Ба ғайр аз ин, истифодабарии насосҳои дастӣ қувваи зиёди кориро талаб менамояд, ки ин дар навбати худ хароҷоти пулию молиро зиёд менамояд. Бинобар он, бо назардошти гуфтаҳои боло бояд чунин сохт ва конструксияи таҷҳизоти дорупошакро пешниҳод намуд, ки норасоиҳои зикршударо соқит намояд, яъне хушсифат пошидани маҳлули обии танзимкунандаи сабзиш, хароҷоти миқдори ками маҳлул ва маҳсулнокии баланди пошдиҳиро таъмин намояд. Ҳамин тавр зарурияти коркарди таҷҳизоти таҷрибавӣ барои дорупошак бо мақсади пошидани маҳлулҳои танзимкунандаи сабзиш ба миён омад, ки сохти мувофик ва нархи арзон дошта, пошдиҳии маҳлулро мувофиқи талаботи агротехникии буттаи ток иҷро намояд.

Аз ин лиҳоз, мукаммалгардонии сохтори таҷҳизот ба дорупошак ва технологияи пошдиҳии танзимкунандаи сабзиш, баҳри хуб намудани сифати

коркард бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати ангур масали бисёр мубрам мебошад.

Докторант Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар давраи фаъолияти таҳқиқотиаш, бевосита дар интихоби мавзуъ, таҳияи барномаи корӣ ва нақшаи тақвими иҷроиши он, сатҳи омӯзиши мавзуи илмии интихобгардида аз тарафи олимони ватанӣ ва хориҷии дуру наздик бо истифода аз адабиёти илмӣ, гузоштани таҷрибаи саҳроӣ, гузаронидани мушоҳидаҳои муайян намуди сохт ва андозаҳои геометрию кинематикӣ барои пошдиҳии танзимкунандаи сабзиш ва таъсири онҳо ба маҳсулнокии ангур, саривақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникии парвариши ангур, ҷаъоварии ҳосил, коркарди математикию омории натиҷаҳои илмии ба дастовардашуда, муайян намудани самаранокии иқтисодии параметрҳои тенико-технологии таҷҳизоти пешкашшаванда ва ҳосилнокӣ ширкат намудааст.

Натиҷаи тадқиқотҳои илмии худро Масаидов Ҷ.Ғ. дар ҳисоботу мақолаҳои илмӣ ва дар ҷамбаст диссертатсияашро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D080600 - техникаи аграрӣ ва технология шахсан тайёр ва пешниҳод намудааст.

Диссертатсияи докторант Масаидов Ҷ.Ғ. дар ҳаҷми 173 саҳифаи матнӣ компютери таҳия гардидааст. Дар асоси натиҷаҳои илмии ба даст овардааш 17 маводҳои илмӣ, аз ҷумла: 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 мақолаи дар маҷаллаи байналмилалии сатҳи СКОПУС ва 7 мақола дар конференсияҳои илмии байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ ва 2 нахустпатент нашр намудааст. Инчунин 2 санади ҷорикунӣ оиди натиҷаҳои КИТ дар истеҳсолот ба даст овардааст.

Ҳоло докторант Масаидов Ҷ.Ғ. дараҷаи зарурии корманди илмиро касб намудааст ва қобилияти мустақилона ташкилу гузаронидани таҳқиқотҳои илмиро дар соҳаи техникӣ ва технологӣ дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D080600 - техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) сазовор мебошад.

*Доктори илмҳои техникӣ, сарходими*
*илмии Филиали Институти боғу токпарварӣ*
*ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд*
*(ФИБТС АИКТ дар в. Суғд)* **Буҳодуров Ш.Б.**

*Имзои д.и.т. Буҳодуров Ш.Б.-ро тасдиқ мекунам,*
*Мудири ШК ФИБТС АИКТ дар в. Суғд* *Тусназарова Д.*

20.09.2024